# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Номгӯйи бемориҳои рӯҳие, ки монеаи амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бо хатари зиёд алоқаманд мебошанд

Мутобиқи моддаи 175 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Номгӯйи бемориҳои рӯҳие, ки монеаи амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бо хатари зиёд алоқаманд мебошанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ташкилию методиро оид ба муоинаи ҳатмии рӯҳии кормандон, ки ба амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бо хатари зиёд алоқаманд мебошанд, ташкил намоянд.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, иҷрои қарори мазкурро таъмин намоянд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 26 феврали соли 2022, № 65

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 26 феврали соли 2022, № 65

тасдиқ шудааст

# Номгӯйи бемориҳои рӯҳие, ки монеаи амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бо хатари зиёд алоқаманд мебошанд

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26 феврали соли 2022, №65
тасдиқ шудааст

**Номгӯйи**
**бемориҳои рӯҳие, ки монеаи амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бо хатари зиёд алоқаманд мебошанд**

| Р/т | Номгӯйи беморӣ | Намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бо хатари зиёд алоқаманд |
|---|---|---|
| 1. | Бемории саръ ва ҳолати беҳушӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ. Сабти барқии кори дил. Электроэнсефалография | Корҳо дар баландӣ, кӯҳнавардӣ, инчунин корҳои хизматрасонии биноҳои баландошёна |
| 2. | Бемории саръ ва ҳолати беҳушӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ. Сабти барқии кори дил | Кормандоне, ки дар насби таҷҳизоти барқии шиддатнокияшон 127 Вт ва зиёдтар аз ин, насб ва санҷиши хатти баландшиддати интиқоли барқ кор мекунанд |
| 3. | Бемории саръ ва ҳолати беҳушӣ. Камақлии дараҷаи сабук. Сабти барқии кори дил | Корҳои заризаминӣ дар соҳаи нафту газ, аз ҷумла бо тартиби кор дар баст, дар биёбонҳо ва дигар ноҳияҳои дурдаст ва нокифоя азхудкардашуда, ҳама намудҳои корҳои зеризаминӣ, кор дар истгоҳҳои гидрометеорологӣ, иншооти алоқа, ки дар биёбон, дигар ноҳияҳои дурдаст ва нокифоя азхудкардашуда, дар шароити душвори иқлимӣ ҷойгирбуда, корҳои инкишофи геологӣ, топографӣ, сохтмонӣ ва корҳои дигар дар ноҳияҳои алоҳидаи камаҳолӣ, душворгузар ва кӯҳистони кишвар (аз ҷумла бо тартиби басти экспедитсионии гардишӣ) |
| 4. | Бемории саръ (дар алоҳидагӣ). Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ. Камақлии дараҷаи сабук | Кормандони техникие, ки зарфҳои зери фишорро нигоҳубин мекунанд |

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| 5. | Бемории саръ ва ҳолати беҳушӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ. Сабти барқии кори дил | Мошинистон, оташмонҳо, операторони дегхона, кормандони хадамоти назорати газ |
| 6. | Бемории саръ ва ҳолатҳои беҳушӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ. Сабти барқии кори дил | Корҳои марбут ба истифодаи маводи тарканда, кор дар истеҳсолоти маводи тарканда ва оташангез |
| 7. | Бемории саръ (дар алоҳидагӣ). Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ | Кормандони посбонии ҳарбикунонидашуда, хадамоти махсуси алоқаи инкассаторӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, дигар идораҳо ва хадамотҳое, ки ба онҳо бо худ доштан ва истифодаи силоҳи оташфишон иҷозат дода шудааст |
| 8. | Бемориҳои равонӣ (аз ҷумла дар давраи оромӣ). Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ. Бемории саръ ва ҳолати беҳушӣ. Сабти барқии кори дил | Кормандони хизматрасонии садамавӣ оид ба газ, қисмҳо ва отрядҳои ҳарбикунонидашуда оид ба огоҳонидан ва бартарафсозии фаввораҳои кушодаи газӣ ва нафтӣ, дастаҳои ҳарбикунонидашудаи кӯҳии наҷотбахшии кӯҳӣ, оташнишонӣ, муассисаҳои ёрии таъҷилии тиббӣ, бригадаҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ бо омодагии доимӣ |
| 9. | Бемории саръ бо ҳолати беҳушӣ. Қамақлии дараҷаи сабук. Сабти барқии кори дил | Корҳо дар дастгоҳҳои харротӣ, пармакунӣ ва дастгоҳҳои дигар, манганаи қолабгарӣ |
| 10. | Бемории саръ бо ҳолати беҳушӣ. Сабти барқии кори дил. Камақлии дараҷаи сабук | Корҳои марбут ба ҳаракати нақлиёт,<br>аз ҷумла дар дохили корхонаҳои истеҳсолӣ |
| 11. | Камақлии дараҷаи сабук.<br>Бемории саръ бо ҳолати беҳушӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва зарҳрмандӣ (дар давраи оромии устувори беморӣ роҳ дода мешавад).<br>Сабти барқии кори дил.<br>Татқиқоти илмию психологӣ | Ронандагони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва муҳаррикдор, мошинҳои барқии шаҳрӣ, аз ҷумла мотосикл, мотороллерҳои ҳама намуд ва тамғаҳо (категорияи А), тракторҳои хурд ва мотоблокҳо (дар Бозрасии давлатии автомобилӣ ба қайд гирифташуда), автомобилҳои идоракуниашон дастӣ барои маъюбони ҳамаи категорияҳо ва аробачаҳои муҳаррикдор барои маъюбон |
| 12. | Бемории саръ ва бемориҳое, ки ҳангоми кашишҳои нарколептикӣ ва катаплектикӣ рӯх медиҳанд. Ҳолати беҳушӣ. Бемориҳои рӯҳӣ ҳангоми доштани гурӯҳи маъюбӣ, дар ҳолатҳои дигар ба таври алоҳидагӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва зарҳрмандӣ (ҳангоми оромии тӯлонӣ ба кор иҷозат дода мешавад).<br>Сабти барқии кори дил. Тадқиқоти илмию психологӣ | Ронандагони ҳама намуд ва тамғаҳои мопед (категорияи А) |
| 13. | Камақлии дараҷаи сабук.<br>Бемории саръ ва ҳолати беҳушӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва зарҳрмандӣ (дар давраи оромии устувори беморӣ роҳ дода мешавад). Сабти барқии кори дил. Тадқиқоти таҷрибавию психологӣ | Ронандагони автомобилҳое, ки вазни умумияшон аз 3500 кг зиёд нест ва шумораи ҷойи нишасташон, ба ғайр аз курсии ронанда 8 ҷой аст (категорияи В), бо ҳуқуқи аз рӯи кироя кор кардан, трактор ва дигар мошинҳои худҳаракаткунанда, автомобилҳое, ки вазни умумияшон аз 3500 кг зиёд нест ва шумораи ҷойи нишасташон, ба ғайр аз курсии ронанда 8 ҷой аст (категорияи В), бо ҳуқуқи аз рӯи кироя кор |

| | | |
|---|---|---|
| | | кардан, автомобилҳои барои ҳамлу нақли бор пешбинишуда, ки вазни умумии сарборияшон зиёдтар аз 3500 кг (категорияи C) мебошад |
| 14. | Камақлии дараҷаи сабук. Бемории саръ бо ҳолати беҳушӣ. Иллати нутқ ва гирифтани забон дар шакли вазнин (дар алоҳидагӣ). Сабти барқии кори дил.<br>Татқиқоти илмию психологӣ | Ронандагони автомобилҳое, ки барои ҳамлу нақли мусофирон пешбинӣ шудаанд ва дорои зиёда аз 8 ҷойи нишаст, ба ғайр аз курсии ронанда (категорияи D) мебошад, маҷмӯи воситаҳои нақлиёт бо ядакҳо, ки ба категорияҳои мошинҳои B,C ё D (категорияи E) мансубанд, трамвай, троллейбус |
| 15. | Камақлии дараҷаи сабук. Ихтилоли шахсият (девонагӣ) ва ихтилолҳои невротикӣ дар марҳилаи заъф. Бемории саръ бо ҳолати беҳушӣ | Корҳои бевосита марбут ба ҳаракати қатораҳо, аз ҷумла кормандони касбҳо ва вазифаҳо тибқи рӯйхати воҳидҳои корӣ ва ихтисоси кормандоне, ки ҳаракати қатораҳо таъмин мекунанд, ҳангоми қабул ба кор бояд аз муоинаи пешакӣ ва муоинаи даврии тиббӣ гузаранд, ба истисноӣ кормандони гурӯҳи мошинистон, ронандагон ва ёварони онҳо кормандони марбут ба бароммадан ба роҳҳои амалкунандаи роҳи оҳан, ба истисноӣ ронандагони воситаҳои нақлиёт |
| 16. | Камақлии дараҷаи миёна, камақлии сарҳадӣ, ақибмонии инкишофи рӯҳӣ. Ихтилоли шахсият (девонагӣ) ва ихтилолҳои невротикӣ дар марҳилаи заъф. Бемории саръ бо ҳолати беҳушӣ | Кормандони гурӯҳи мошинистон, ронандагон ва ёрдамчиёни онҳо, ки дар номгӯйи зикршуда пешбинӣ шудаанд, ронандагони воситаҳои нақлиёти дигари марбут ба баромадан ба роҳҳои амалкунандаи роҳи оҳан |
| 17. | Бемории саръ (дар алоҳидагӣ) бо ҳолати беҳушӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ. Камақлии дараҷаи сабук. Ихтилоли шахсият (девонагӣ) ва ихтилолҳои невротикӣ дар марҳилаи заъф. Электроэнсефалография. Сабти барқии кори дил | Намудҳои дигари фаъолияти касбӣ<br>ва категорияҳои мансабҳо, аз ҷумла кормандони корхонаҳои саноати дорусозӣ ва хӯрокворӣ, хӯроки умумӣ ва савдо, фермаҳои ширӣ, нуқтаҳои дистрибюторӣ, пойгоҳҳо ва анборҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, ки дар раванди истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯш бо маҳсулоти дорусозӣ ва хӯрокворӣ робита доранд, аз ҷумла кормандони коркарди санитарӣ ва таъмири таҷҳизот, инчуни шахсоне, ки ҳангоми интиқол бо ҳама намудҳои нақлиёт бо хӯрокворӣ робитаи мустақим доранд |
| 18. | Бемории саръ (дар алоҳидагӣ).<br>Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ.<br>Электроэнсефалография | Ҳайати кормандони тиббӣ, кормандони шуъбаҳои ҷарроҳӣ, таваллудхонаҳо (шуъбаҳо), беморхонаҳои кӯдакона (шуъбаҳо), шуъбаҳои амрози навзодон |
| 19. | Бемории саръ (дар алоҳидагӣ).<br>Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ. Камақлии дараҷаи сабук. Ихтилоли шахсият (девонагӣ), ихтилолҳои невротикӣ дар марҳилаи заъф.<br>Электроэнсефалография.<br>Сабти барқии кори дил | Кормандони муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, муассисаҳои тандурустии кӯдакона ва наврасон, аз ҷумла мавси-мӣ, муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ, маркази дастгирии оила ва кӯдак, боғчаҳо, мактаб-интернатҳо, интернат-ҳои назди мактабҳо, муассисаҳои табобатию пешгирӣ, санаторияҳо, истироҳатгоҳҳо, пансионатҳо, хона-интернатҳои бевосита марбут бо ташкили хӯроки мизоҷон, ташкилотҳои хизматрасонии санитарию гигиении аҳолӣ (ҳаммомчӣ, сартарош, нохунорой, косметологҳо, ҳайати ёрирасони либосшӯйхона, нуқтаҳои қабули либос ва хушкашӯӣ) |
| 20. | Бемории саръ (дар алоҳидагӣ), ҳолати беҳушӣ. Майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ.<br>Камақлии дараҷаи сабук. Ихтилоли | Мураббиён, устодони шиноварӣ, кормандони ҳавз ва ваннаҳои табобатӣ, ки табобатро анҷом медиҳанд, ҳайати хизматрасони меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳо, роҳбаладони қатораҳои мусофирбарии |

| | | |
|---|---|---|
| | шахсият (девонагӣ), ихтилолҳои невротикӣ дар марҳилаи заъф. Сабти барқии кори дил. Электроэнсефалография | дурраванда, кормандони иншооти обтаъминкунӣ, ки бевосита бо тайёр кардани об алоқаманданд ва шахсоне, ки ба шабакаҳои обтаъминкунӣ хизмат мерасонанд, коркунони фермаҳо ва комплексҳои чорводорӣ, кори марбут бо маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ |

**Эзоҳ:**

1. Маъюбони ҳамаи гурӯҳҳо ҷиҳати муайян кардани мухолифати рӯҳии тиббӣ барои рондани воситаи нақлиёт аз ҷониби комиссияҳои коршиносони тиббию меҳнатӣ муоина карда мешаванд.

2. Муоинаи рӯҳии кормандоне, ки ба хизматрасонии ҳаракати роҳи оҳани саноатӣ ва нақлиёти ҳавоӣ машғуланд, тибқи рӯйхати соҳаҳо ва касбҳои тасдиқнамудаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

3. Корҳо дар баландӣ корҳое ҳисобида мешаванд, ки дар баландии 1,5 м ва аз он зиёдтар аз сатҳи болои замин, саҳни кории дастгоҳҳои васлкунӣ ё бевосита аз қисми васлшуда, таҷҳизот, нақлиёт ва механизмҳо ҳангоми насб, истифода, васл ва таъмири онҳо иҷро карда мешаванд (корҳои кӯҳнавардӣ корҳое ба ҳисоб меравaнд, ки дар онҳо воситаи асосии муҳофизат аз афтидан аз баландӣ дар вақти корӣ ва ҳаракат камарбанди васлгарӣ мебошад).

4. Кормандони ташкилотҳое, ки ёрии рӯҳӣ мерасонанд, тибқи қоидаҳои сохтор, истифода ва ҳифзи меҳнат танҳо дар беморхонаҳои рӯҳӣ аз ташхис гузаронида мешаванд.